Замима ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «___» _________ с.202 , №___

**Тағйиру иловаҳо ба Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ**

Ба Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2017, №23 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар тамоми матн калимаҳои “ташкилотҳои қарзӣ”, “ташкилоти қарзӣ” ва “ташкилоти қарзие” мутаносибан ба калимаҳои “ташкилотҳои қарзии молиявӣ”, “ташкилоти қарзии молиявӣ” ва “ташкилоти қарзии молиявие” иваз карда шаванд.

2. Дар банди 2:

- пас аз калимаҳои “ҳуҷҷати пардохти” калимаҳои “хироҷ барои” илова карда шаванд;
- сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“Ҳуҷҷатҳои мазкур метавонанд мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда шаванд.”;

3. Дар банди 3:

- пас аз калимаҳои “ҳуҷҷати пардохти” калимаҳои “хироҷ барои” илова карда шаванд;
- пас аз ҷумлаи якум ҷумлаи нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“Ҳуҷҷатҳои мазкур метавонанд мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда шаванд.”;

4. Дар банди $4^1$ ҷумлаи якум чунин ифода карда шавад:

“Барои гирифтани иҷозатнома шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон филиал ё намояндагӣ дошта бошанд.”;

5. Дар банди $4^3$ калимаҳои “оператори низоми пардохтии” ба калимаҳои “шахси ҳуқуқии” иваз карда шаванд;

6. Дар банди $4^4$ калимаҳои “оператори низоми пардохтие” ба калимаҳои “, шахси ҳуқуқие” иваз карда шаванд;

7. Дар банди 9:

- пеш аз калимаҳои “Ҳуҷҷатҳое, ки” калимаҳои “Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар шакли коғазӣ” илова карда шуда, калимаи “Ҳуҷҷатҳое” ба калимаи “ҳуҷҷатҳое” иваз карда шавад;

- баъд аз калимаҳои “аз як варақ зиёд” калимаи “аст” ба калимаи “мебошанд” иваз карда шавад;

8. Дар банди 11 ҷумлаҳои якум ва дуюм чунин ифода карда шаванд:

“Ҳуҷҷатҳо дар шакли коғазӣ ё тавассути низоми электронӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар шакли коғазӣ қоидаҳои низоми пардохтӣ ва номгӯи операторҳои хизматрасонии инфрасохтори пардохтӣ иловатан дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешаванд.”;

9. Дар банди 12 паз аз калимаҳои “ба таври дастсупурд” калимаҳои “ё ин ки тавассути низоми электронӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” илова карда шаванд;

10. Банди $12^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“$12^1$. Бонки миллии Тоҷикистон ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардидаро аз рӯйи номгӯй ба қайд гирифта, ба аризадиҳанда дар бораи рӯзи бақайдгирии қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида маълумотнома мефиристад (месупорад) ё тавассути низоми электронӣ хабар медиҳад.”;

11. Банди $12^2$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“$12^2$. Агар ариза барои гирифтани иҷозатнома аз ҷониби шахсе имзо шуда бошад, ки барои ин ваколат надорад ё ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби мазкур ҷавобгӯй набошанд, Бонки миллии Тоҷикистон аризаро ба аризадиҳанда бар гардонида, дар мухлати на зиёда аз панҷ рӯзи кории пас аз рӯзи қабули ариза ба аризадиҳанда дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ бо нишон додани асос барои баргардонидани ариза огоҳинома месупорад ё ирсол менамояд.”

12. Дар банди 14 пас аз калимаҳои “ба талаботи” калима ва аломатҳои “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”,” илова карда шаванд;

13. Банди 17 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

“Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳолати қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома ба аризадиҳанда дар мухлати на дертар аз 5 (панҷ) рӯзи корӣ пас аз қабули қарор, дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ маълумотро бо нишон додани мушаххасоти бонкӣ андоза ва мухлати пардохти хироҷ барои додани иҷозатнома ирсол менамояд. Аризадиҳанда, бояд дар давоми понздаҳ рӯзи корӣ аз санаи қабули қарор дар бораи додани иҷозатнома хироҷ барои иҷозатномаро пардохт намуда, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти хироҷро ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Дар давоми се рӯзи баъди аз ҷониби аризадиҳанда пешниҳод гардидани ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти хироҷ барои додани иҷозатнома Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаро дар шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ба расмият дароварда, бо гирифтани имзои намояндаи ваколатдори аризадиҳанда дар дафтари баҳисобгирии аризаҳо ва иҷозатномаҳои додашуда онро ба аризадиҳанда супорида, нусхаи электрониро бо тартиби муқарраргардида ба суроғаи электронии он ирсол менамояд.”;

14. Дар банди 18 пас аз калимаҳои “асосҳое, ки дар” калима ва аломатҳои “қисми 7 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва” илова карда шаванд;

15. Дар қисми 19 пас аз калимаҳои “дар шакли хаттӣ” калимаҳои “ё тавассути низоми электронӣ” илова карда шаванд;

16. Дар қисми 20 пас аз калимаҳои “тавассути почта” калимаҳои “ё тавассути низоми электронӣ” илова карда шаванд;

17. Банди 21 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

“Дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, тағйир ёфтани ном ва ё маҳали ҷойгиршавии он, оператори низоми пардохтӣ уҳдадор аст дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯз аризаро дар бораи аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тағйироти зикргардида, инчунин нусхаи аслии иҷозатномаро ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.”;

18. Ҷумлаи якуми банди 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

“Ариза дар бораи аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома дар шакли хаттӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешавад.”;

19. Банди 23 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

“Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳлати 10 (даҳ) рӯзи корӣ пас аз гирифтани ариза дар бораи аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома ба Феҳристи операторони низоми пардохтӣ тағйироти дахлдор ворид менамояд. Рӯзи гирифтани аризаи мазкур санаи бақайдгириии он дар Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.”;

20. Банди 24 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

“Бонки миллии Тоҷикистон на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи корӣ пас аз рӯзи гирифтани ариза дар бораи аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома , иҷозатномаи навро тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷозатдиҳӣ ба расмият дароварда, онро ба оператори низоми пардохтӣ равон менамояд. То азнавбарасмиятдарории иҷозатнома оператори низоми пардохтӣ, ки дар бораи азнавбарасмиятдарории иҷозатнома ариза пешниҳод

намудааст, фаъолиятро дар асоси нусхаи аризаи пешниҳодгардида дар бораи азнавбарасмиятдарории иҷозатнома бо қайди Бонки миллии Тоҷикистон оид ба санаи қабули ариза анҷом медиҳад.”;

21.Банди 24[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“24[1]. Дар сурати гум шудан ё фарсудашавии иҷозатнома дар асоси аризаи иҷозатномадор бо замимаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти хироҷ барои додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома ва нусхаи нашршудаи эълон дар бораи гум шудани иҷозатнома дар воситаҳои ахбори омма Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳлати на зиёда аз 5 (панҷ) рӯзи кории баъд аз санаи гирифтани ариза нусхаи дуюм (дубликат)-и онро пешниҳод менамояд. Ариза дар бораи додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар шакли коғазӣ ё тавассути низоми электронӣ пешниҳод карда мешаванд.”;

22. Дар банди 25 пас аз калимаҳои “муҳлатҳои дар” калимаҳои “моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва” илова карда шаванд;

23. Банди 30[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“30[1]. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи муқаррароти моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” метавонад қарор оид ба боз доштани амали иҷозатномаро қабул намояд. Дар ҳолати боз доштани амали иҷозатнома фаъолияти оператори низоми пардохтӣ қисман ё пурра боз дошта мешавад.”;

24. Дар банди 31 калимаҳои “дароз кардани мӯҳлати амали иҷозатнома” ба калимаҳои “додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатнома” иваз карда шаванд;

25. Банди 32 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“Оператори низоми пардохтӣ пас аз гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ҳар сол то санаи 31 декабр барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома ба андозаи муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хироҷ месупорад.”

26. Замимаҳои 1 ва 2 хориҷ карда шуда, замимаҳои 3 ва 4 мувофиқан замимаҳои 1 ва 2 ҳисобида шаванд.